# Кормандони Кумитаи забон ва истилоҳот бо намояндагони вазорату идораҳо, рӯзноманигорон, блогерон бо иншооти бузурги аср НБО-и "Роғун" шинос гардиданд.

Submitted by Ҳайати тадорукот on 26 April, 2025 - 10:15

[1]

Ҳайати иштирокчиён аз марҳилаҳои асосии сохтмон, иншооти калидӣ ва таҷҳизоти насбшудаи Неругоҳи барқи обии «Роғун» шинос гардиданд. Инчунин ҳайат аз минтақаҳои муҳими иншоот, аз ҷумла қисматҳои зеризаминӣ, нақбҳои нақлиётӣ ва системаи турбинаҳо боздид ба амал овард. Таъкид карда шуд, ки Неругоҳи барқи обии «Роғун» на танҳо сохтмони азим, балки далели бебаҳси тавоноии миллати тоҷик, рамзи неруи эҷодкорӣ ва пайванди инсон бо табиат аст. Дар фазое, ки об ва неру рамзи ҳаёт мебошанд, нақши ин неругоҳ ҳамчун сарчашмаи энергия, рушд ва тавоноии мамлакат ба таври амиқ эҳсос мегардад. Дар шиддати

асри XXI, ки рақамикунонӣ ва инноватсия ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти муосир шудаанд, Неругоҳи барқи обии «Роғун» ба маркази ҳамоҳангии технологӣ табдил меёбад, ки бо равшангарии ҳадафҳои баланд ба самти ояндаи дурахшон пеш меравад.

**Content rating:** Select rating
Average: 5 (2 votes)

Rate

## Category:

- Ахбори рӯз [2]

-

- 

- 

- 

- 

**Source URL:**https://istilohot.tj/en/node/7116?mini=2025-11

**Links**
[1] https://istilohot.tj/sites/default/files/field/image/FB_IMG_1745670024027.jpg [2] https://istilohot.tj/en/taxonomy/term/10 [3] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/FB_IMG_1745670044630.jpg [4] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/FB_IMG_1745670024027.jpg [5] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/FB_IMG_1745670031005.jpg [6] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/FB_IMG_1745670039295.jpg [7] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20250426-WA0086.jpg [8] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20250426-WA0095.jpg [9] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20250426-WA0110%281%29.jpg [10] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20250426-WA0110.jpg [11] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20250426-WA0112.jpg [12] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20250426-WA0115.jpg